Вазъи қонунии шаҳрвандони хориҷӣ ва афроди бешаҳрвандӣ дар Федератсияи Россия ҳангоми пандемияи коронавирус

(Шарҳи Амри Президенти Федератсияи Россия аз 18.04.2020 таҳти рақами № 274 «Оид ба чораҳои муваққатии танзими вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва афроди бешаҳрвандӣ дар Федератсияи Россия дар бастагӣ ба хатари тавсеаи коронавируси COVID – 19)

1) Муҳлати будубоши муваққатӣ ва зисти муваққатию ҳамешагии шаҳрвандони хориҷӣ ва афроди бешаҳрвандӣ аз 15.03.2020 то 15.06.2020 дароз карда мешавад.

2) Муҳлати патентҳо ва иҷозатномаҳои кор, ки дар ин муддат тамом мешаванд, аз 15.03.2020 то 15.06.2020 дароз карда мешавад.

3) Барои дароз кардани муҳлати ҳуҷҷатҳо ягон амал аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва афроди бешаҳрвандӣ иҷро кардан лозим нест! Агар ягон сохтори назоратӣ ва ё санҷишӣ чунин талаботе намояд, ин талабот ҒАЙРИҚОНУНӢ мебошад!!!

4) Муҳлати фаъолияти иҷозатномаи зисти муваққатӣ ва ё корти зисти (ВнЖ) онҳое, ки берун аз ҳудуди Федератсияи Россия қарор доранд, низ аз 15.03.2020 то 15.06.2020 дароз карда мешавад.

5) Шаҳрвандони хориҷӣ ва афроди бешаҳрвандӣ, ки иҷозатномаи кор ва ё патент надоранд (сарфи назар аз мақсади будубош дар Федератсияи Россия) аз 15.03.2020 то 15.06.2020 ҳаққи кор бе дарёфти ҳуҷҷатҳои мазкурро доранд.

6) Корфармоён агар иҷозати истифода аз меҳнати шаҳрвандони хориҷиро доранд, метавонанд шаҳрвандони хориҷиро ба кор ҷалб кунанд.

5) Дар муҳлати аз 15.03.2020 то 15.06.2020 ҳама гуна амалҳои маъмурии марбут ба ихроҷ, депортатсия, реадмиссияи шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст.

Рақамҳои телефони боварии Маркази байналмилалии иттилоотӣ:
Умумӣ: +7 922 2702070
Забони тоҷикӣ: +7 982 7692193
O‘zbek tili: +7 966 7070102
Кыргыз тили: +7 912 2928333